Суратҷаласа №2

Шӯрои машваратии ҷамъиятии назди КВД “Обу корези Душанбе”

**15 октябри 2016 сол.** **ш.Душанбе**

**Иштирок доштанд**: Қаландаров Саидмурод- Сардори департаменти оби нӯшокии КВД “Обу корези Душанбе, Ҷаборов Фирдавс – Сардори фурӯши оби КВД “Обу корези Душанбе, намояндагони Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон, аъзоёни шӯрои машваратӣ.

**Иштирок надоштанд**: 3 нафар аъзоёни шӯро.

**Рӯзномаи маҷлис:**

1. Баланд бардошта шудани нархномаҳои хизматрасонии оби нӯшокӣ аз 1-октябри соли ҷорӣ.;
2. Паст будани сифати оби нӯшоки дар н.Шоҳмансур;
3. Муроҷиатҳои истеъмолкунандагон (ба воситаи сомонаи ***Facebook.com***);

Сароғоз Раиси Шӯрои машваратии ҷаъмиятӣ – Қаландаров С. иштирокчиёни маҷлисро хайрамақдам намуд.

1) Баъдан оиди масъалаи якуми пешниҳодшуда баромад намуда, қайд намуд, ки яке аз омилҳои асосии баландшавии нархи хизматрасониҳои оби нӯшокӣ ва қабули обихроҷӣ, ин дар баландшавии қурби асъори хориҷӣ мебошад. Ҳамчунин қайд намуд, ки тамоми хизматрасониҳои техникӣ, барқӣ ва реагентҳои химиёвии дар корхона истифодамешуда берун аз кишвар, бо асъори хориҷӣ (эквивалент бо доллари амрикоӣ), харидорӣ карда мешаванд. Ҳамзамон корхона ҳар моҳ маблағи қарзи бонкиро бо фоизҳои иловагиаш муттаносибан бо курси доллари амрикоӣ пардохт менамояд. Ҳармоҳа маблағи пардохмекардаи корхона дар назди ин бонк 1130854 сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин Қаланадаров С. қайд намуд, ки бо зиёд гаштани хароҷотҳо вобаста ба баландшавии қурби асъори хориҷӣ КВД “Обу корези Душанбе”, ҳамчун корхонаи худмаблағгузор имконияти рӯйпуш кардани тамоми хароҷотҳоро надорад. Бинобар ин, корхона бо ҳисоботҳои мушаххас ва далелҳо барои баланд бардоштани нархномаи хизматрасониҳо ба Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намуд, Хадамот ҳамаи ин ҳолатҳоро санҷиш гузаронид ва дар асоси фармоиш аз “12” ноябри соли 2014, таҳти №83 ва аз 29 июни соли 2016, таҳти №52 дар бораи танзим намудани нархномаҳои нави хизматрасониҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва корезӣ дар ҳаҷми 20 % тасдиқ карда шуд.

Қаландаров С. иброз намуд, ки аз 1-октябри соли 2016 барои аҳолӣ, корхонаҳои ғайрибуҷавӣ ба тариқи 20 фоиз муқаррар карда шудааст ва аз 1-январи соли 2017 барои корхонаҳои буҷавӣ 15 фоиз муқаррар карда шудааст, ки метавонад дар оянда фаъолияти корхонаро таъмин намояд.

Яке аз аъзоёни шӯрои машваратии ҷамъиятӣ-Шарипов Ҷамшед ба намояндаи КВД "Обу корези Душанбе" чунин савол пешниҳод намуд, ки : "ҳангоми паст гардидани қурби доллари ИМА, корхонаи Шумо нархномаҳои хизматрасониро арзон мекунанд?"

Дар ҷавоб Қаландаров С. гуфт, ки ҳангоме, ки ин ҳолат ҷой диҳад, нархҳои хизматрасонӣ арзон нагардида, корхона метавонад қарзҳои худро дар назди Бонки умумиҷаҳонӣ зудтар пардохт намуда, дигар ниёзи гирифтани қарз ба миён намеояд. Инчунин метавонад таҷҳизотҳои наву муосирро дастрас намояд.

2) Дар хусуси паст будани сифати оби нӯшокӣ дар кӯчаҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳр, Қаландаров иброз намуд, оби нӯшокие, ки ба аҳолӣ пешниҳод мегардад ба талаботҳои санитарӣ пурра ҷавобгӯ буда, ягона камбудӣ дар он аст, ки каме қум мушоҳида мешавад, сабабаш дар он аст, ки гидравлике, ки дар он об ҷамъ мешавад дар нуқтаи баландии 70 метр аз Обу корезӣ қарор дораду дар ин фасли сол ниёзи мардум ба истифодаи оби нӯшокӣ кам аст,аз ин лиҳоз фишори об баланд буда, дар қубурҳое, ки қум такшон шудааст, шуста мебарад .

Баҳри пешгирии ин ҳолатҳо, ки сохтмони филтрҳо рафта истодаасту то 30-юми декабри соли равон ба анҷом мерасад. Аз 1-январи соли 2017 баъди ба истифода додани ин филтрҳо сифати ои нӯшокӣ хубтар мешавад.

3) Оиди муроҷиатҳои истеъмолкунандагон ба воситаи сомонаи facebook.com, ки муроҷиатҳои хело зиёд буданд, аксарияти ин муроҷиатҳо вобаста ба сифати пасти оби нӯшоки равона гардида буданд, намояндаи КВД "Обу корези Душанбе" боварӣ намуд, ки ҳар яки ин муроҷиатҳоро баррасӣ намуда, сифати оби нӯшокии ба онҳо пешниҳодшуда мавриди санҷиш қарор дода мешавад.

Яке аз муроҷиаткунандагони ин сомона Фаромуз Нигина, истиқоматкунандаи кӯчаи Лоҳутӣ 20, ҳуҷраи 3 оиди сифати оби нӯшокӣ дар ташвиш буда, пурсон аст, ки оё сифат ва таркиби оби нӯшокие, ки хизматрасон пешниҳод менамояд, мавриди санҷиш қарор мегирад?

Қаландаров С. иброз намуд, ки ҳамарӯза ҳар як нуқтаи обтаксимкунӣ, ки он 72 адад аст, аз ҳар як ин нуқта гирифта ҷиҳати бактереологию санитарӣ барои ташхис пешниҳод карда мешавад ва ҷавобгуи меъёрҳои санитарӣ мебошад, ягона камбудӣ дар он аст, ки ранги об каме хира мебошад.

Инчунин якчанд муроҷиатҳо вобаста ба он, ки дар биноҳои баландошёна оби нӯшокӣ бо меъёр дода мешавад, ба қайд гирифта шудаанд.

Қаланаров С. вобаста ба ин муроҷиатҳо чунин ҷавоб дод, ки насосҳое, ки дар зери биноҳои баландошёна насб гардидаанд, ҳануз аз давраи Шӯравӣ буда, худкор нестанд, яъне ҳолатҳое мешаванд, ки истиқоматкунандагон оби нӯшокиро истифода намебаранд, вале насосҳои ҷойгиркарда кор карда меистанд ва ҳангоми фишор баланд шуданаш, метавонад қубурҳои обгузарро шикоф намояд. Аз ин лиҳоз баҳри пешгирии ин ҳолатҳо, биноҳои баландошёна бо меъёри муайян оби нӯшокӣ пешниҳод мегардад. Насосҳои ҳозиразамон бошад, худкор буда, баъди ҷамъ кардани фишори муайян ба таври автоматӣ хомуш мешаванд.

**Дар охир Шӯрои машваратӣ Қарор қабул кард:**

1.Оиди баланд бардошта шудани нархномаҳои хизматрасонии оби нӯшокӣ, сабабҳои баланд бардошта шудани он аз тарафи аъзоёни Шӯро ва ҳам аз тарафи ташкилоти хизматрасон ба воситаҳои корҳои фаҳмондадиҳӣ,баромадҳо дар радиову телевизон ва чопи мақолаҳо ба саҳми аҳолӣ расонида шавад.
2.Оиди паст будани сифати оби нӯшокӣ, намояндаи КВД "Обу корези Душанбе"- Қаландаров С. ба истеъмолкунандагон боварӣ кунонид, ки аз 1-январи соли 2017 баъди ба истифода додани "филтрҳо", сифати оби нӯшокӣ беҳтар ҳоҳад гашт.
3. Вобаста ба муроҷиати истеъмолкунандагон тавассути сомонаи facebook.tj, намояндаи обу корезӣ Қаландаров С. тасмим гирифт, ки ҳар як ин муроҷиатро расман ба қайд гирифта, мавриди баррасӣ қарор хоҳад дод.

Ҷаласаи навбатии Шӯро дар даҳаи дуюми моҳи ноябри соли 2016 баргузор мегардад.

**Раиси Шӯро:** **Қаландаров С.**

**Котиб:** **Табаров И.**